# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад») », барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ)**

Адабиёти ҳиндӣ аз даврони қадим ба унвони яке аз манобеи муҳими адабиёти ҷаҳон хидмат карда меояд. Ҳанӯз дар даврони Сосониён дар заминаи фаъолиятҳои академияи маъруф ба номи Гундишопур мактаби тарҷумаи осори қуҳани ҳиндӣ шакл гирифт ва осоре чун “Калила ва Димна”, “Тутинома” ва амсоли аз мутуни аслии худ ба паҳлавӣ ва баъдан ба арабиву форсӣ тарҷума шуда, ба матну батни адабиёти миллии мо низ вуруд ёфт. Адабиёти муосири Ҳинд низ, ки реша дар ҳамин адабиёти пурғановати куҳан дорад, дар марҳилаи нави таъсирӣ бар асари рӯйдодҳои сиёсии давра, бавежа нимаи аввали қарни XX ба таҳаввулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, дарунмояи онро таҷассуми мавзуоти комилан нав ба вуҷуд овард. Яке аз чунин нависандагони соҳибибтикори қарни XX-уми Ҳиндустон Премчанд мебошад, ки бо иншои ҳикоёт ва романҳои арзишманд шуҳрат ёфтааст.

Қобили таъкид аст, ки таҳқиқи адабиёти муосири Ҳинд дар баробари омӯзиши манобеи куҳани он, инчунин мероси суханварони адабиёти форсизабони он дар замони Истиқлоли миллӣ тамоюлҳои тоза касб кард, ки дар ин раванд таҳқиқоти олимони соҳибноми ин раванди муҳими илмӣ дар адабиётшиносӣ профессорон Ҳабибуло Раҷабов, Ҷовид Холов ва дигарон мебошанд. Диссертатсияи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи **«Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад») »** аз ҷумлаи таҳқиқотест, ки дар идомаи ҳамин роҳ дар адабиётшиносии муосир ба қалам омадааст.

Муҳимият ва аҳамияти таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мешавад, ки ҳарчанд пажуҳишҳое дар заминаи зиндагинома ва мероси адабии нависандаи Ҳинд Премчанд анҷом ёфтааст, вале ду романи арзишманди вай **«Нирмала» ва «Камомад»** аз манзари таҷассуми образи зан дар онҳо бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Муаллиф худ дар муқаддимаи диссертатсия ба матлаб ишорат ҳам мекунад, ки ҳарчанд “дар мақолаҳои илмии алоҳида дар бораи ин нобиғаи адаб – Премчанд ва осори ӯ баъзе маълумоти умумӣ ба назар мерасанд, вале онҳоро ҳанӯз наметавон шинохти васеи осори гаронбаҳои мавсуф донист. Тибқи ин ҳадаф меҳвари асосии таҳқиқи мазкур тасвири симои зан, одатҳои аз гузашта меросмонда, хурофот ва паст кардани шаъну шарафи инсонии занон дар романҳои номбурда, инчунин хусусиятҳои мавзуӣ, идеявӣ ва

услубии асарҳои нависанда ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд".

Муаллифи диссертатсия қабл аз он ба масоили меҳварии таҳқиқот пардозад, нахуст ба дараҷаи омӯхта шудани ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд дар хориҷи Ҳинд ва баъдани худи ин сарзамини руҷуъ карда, силсилаи пажуҳишҳои анҷомёфтаро тасвиф ва ҷойгоҳи ҳар яке аз онҳоро муқаррар сохтааст. Дар идомаи таҳқиқот масъалаи бунёдгузори реализми танқидӣ будани нависанда дар адабиёти муосири Ҳиндустон баррасӣ шуда, ҷанбаҳои исондӯстии осори вай низ таҳқиқу баррасӣ шудааст. Дар ин қисмати таҳқиқ низ муаллиф нахуст ба пажӯҳиши зиндагино ва мероси адабии адиб пардохта, бо такя бар корномаҳои илмии анҷомёфта ва дастрасӣ ба асли осори ӯ муқаррар кардааст, ки ба қалами Премчанд 15 роман тааллуқ дорад, ки "Нирмала" ва "Камомад" аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Сарчашмашиносии мабоҳиси меҳварии таҳқиқот дар ҷараёни баррасиҳои муаллиф ҷойгоҳи барҷаста дорад, зеро қабл аз он ки ба таҳқиқи образи зан дар ин ду асар пардозад, нахуст масъалаи суннатҳои хоси романнависӣ дар замони зиндагӣ ва эҷоди Премчанд ба миён гузошта, баъдан романи "Нирмала"-ро чун асари барҷастаи таълифоти дорои образи меҳварии зан муаррифӣ ва мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад. Ҳунари нависандагии Премчанд дар офариниши ин образ, ҷанбаҳои фоҷиавии образи Нирмала, тасвири зани мубориз дар романи "Камомад" низ аз мадди назари муаллифи диссертатсия дур намондаанд.

Ба таври куллӣ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна як таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии тоҷик аз манзари таҳқиқи образи зан дар адабиёти муосири Ҳиндустон дар мисоли ду романи нависандаи маъруфи ин кишвар Премчанд ба шумор меравад. Таълифи 15 мақола аз ҷониби муҳаққиқ, ки аз ҷумлаи он 6 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд, худ гувоҳи ҷусторҳои амиқ ва талошу кӯшишҳои муваффақонаи вай дар баррасии мавзуи интихобнамуда ба шумор мераванд. Қавӣ будани сарчашмаҳои таҳқиқоти анҷомёфта, доираи фарохи мутолеаи муаллиф дар заминаи асарҳои бадеии адабиёти муосири Ҳинд, аз ҷумла осори Премчанд ва таълифоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ низ ба арзишу аҳамияти муҳими диссертатсия ишорат мекунад.

Дар баробари ин дастовардҳои назарраси илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ҷой доранд, ки таваҷҷуҳ ба онҳо арзиши илмии корро боз ҳам беҳтар мегардонад:

1. Бахши мубрамияти мавзуи таҳқиқ дар муқаддимаи диссертатсия то андозае тулонӣ аст ва имкон дошт, ки матлабҳои он боз ҳам фишурдатар баён шаванд.

2. Имкон дошт, ки матлабҳои аслии таҳқиқот дар се боб ба таври пурра баррасӣ шаванд. Ба назари мо, шояд дар боби алоҳида ҷой додани

дараҷаи омӯзиши зиндагинома ва мероси адабии Премчанд зарурате надорад, чун ба гунае дигар он ҷо такрори матлабҳои бахши “Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ”- Муқаддимаи диссертатсия ба назар мерасад. Дар ҳамин қисмати муқаддима ба таври комил баён намудани мавзуъ ба мақсад мувофиқ аст.

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат (саҳ, 5, 6, ва ғ) иштибоҳоти имлоиву техникӣ низ ба чашм мерасанд, ки тасҳеҳи онҳо ба навъи кори муаллифи диссертатсия мебошад.

Албатта, эродҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти илмии диссертатсия коҳиш намедиҳанд. Ба таври умум, аз мутолеаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқоти анҷомёфта дар адабиётшиносии тоҷик сафҳаи тозае ба шумор рафта, самараи матлуби ҷустори илмии муаллифи он эътироф мегардад. Бар ин асос метавон бар ин натиҷа расид, ки диссертатсия Ёрова Сабоҳат Нуровна» ҷавобгӯи муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ)** мебошад.

Муқарриз: Нуров Нуралӣ Норович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797 емайл: nurali74@mail.ru

имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Сайдуллозода Заррина

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров
Тел: 6-52-73; 6-47-39;
Факс: 6-75-18; E-mail:rector@hgu.tj
10.12.2024